# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи “Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионии Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи “Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ” дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ-методӣ доир ба ташаккулу таҳаввули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Унвонҷӯ мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ проблемаҳои муҳимро ҳаллу фасл карда, ҷустуҷӯ, муайянсозӣ ва асосноккунии роҳу усулҳои самараноки мавқеи акмеологии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогиро барои беҳтару самаранок ташаккул ёфтан ба таври мушаххас пешниҳод менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст, ки дар байни хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ дар охири озмоиш дар сатҳи ҳавасмандгардонии дастовардҳо дар сатҳи баланд тафовути ҷиддӣ пайдо шудааст. Донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ бо хоҳиши том ва мутташаккилона ба кор ҷалб шуда, ба натиҷаҳои он фаъолона бо шавқу ҳавас ва ҳисси қаноатмандӣ муносибат намуданд, ки ин таъсири семинарҳои махсус, ташкили кори гурӯҳҳои озмоишӣ, конференсияҳо, иҷрои супоришҳои гуногун, машқҳо, машғулиятҳо барои баланд бардоштани дараҷаи ҳавасмандгардонӣ ба хотири ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда мебошад.

Қабл аз ҳама, месазад дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии муааллифи диссертатсияро қайд намоем. Арзёбии

натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Нуралиев Мансур, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, маводи таърихӣ ва асарҳои педагогҳои ватанӣ, таҷрибаи ҷамъбастшудаи пешқадами педагогӣ ва таҷрибаи бисёрсолаи шахсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти олии касбиро ташкил медиҳанд, то андозае аниқ карда шудааст. Нақшаҳо ва барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Автореферат тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, автореферат аз баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба монанди ғалатҳои техникиву имлоӣ орӣ нест, ки бартараф кардани он ба манфиати кор аст.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон рисолаи илмии Нуралиев Мансурро кори анҷомёфта ва дорои арзиши илмию назариявӣ ва амалӣ ҳисобид.

Дар умум, кори таҳқиқотии Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи "Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ" ба талаботи Низомнома оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи системаҳо ва
технологияи иттилоотии Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон Мирзоев А. Р.

27.02.2024

Маълумот барои тамос: Суроға: 734025, г. Душанбе,
кӯчаи Борбад, 48/5. Тел: 918 63 61 13; E-mail: aziz69@mail.ru

*"Имзои А.Р. Мирзоевро тасдиқ мекунам"*

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишкадаи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон Ҷӯраев Ш.Н.